# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

1. Аҳамияти таҳқиқот дар он аст, ки барномаи педагогии ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард шуда, шароитҳои педагогии муваффақонаи пешрафти фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон асоснок гардидааст. Барномаи таҳиягардидаи ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар раванди озмоиши педагогӣ санҷидашуда имкон медиҳад, ки фарҳангӣ-маърифатӣ ҳамгироиро бо дигар муассисаҳои таълимӣ таъмин намуда, фаъолияти тарбиявии муштаракро ба роҳ монанд, аз анъанаҳои бадеии маҳал самаранок истифода бурда, ба шуур, эътиқод ва эҳсосоти эстетикии муҳассилин таъсири мусбат расонанд.

Дар таҳқиқоти мазкур имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ шарти мукаммалгардонии ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас тарҳрезӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар ҷараёни таҳқиқот муносибатҳои мавҷудаи илмҳои муосири педагогиро ба ташкили ҳамкории муассисаҳои фарҳангӣ ва муассисаҳои таълимӣ пурра мегардонад. Яъне тасаввуротро дар бораи ҳисси ватандӯстии насли наврас, хусусиятҳои махсуси он бой гардонида, донишҳоро оид ба талаботи педагогӣ, ки бевосита ба ҷараёни ҳамкории муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ таъсиррасонанд, васеъ мегардонад.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика,психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи шуъбаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 19.01.2026, №1).

Дар хулосаи дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

Аҳамияти илмии мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар амалияи педагогӣ истифода бурдани таҳияҳои муаллифӣ вобаста ба усулҳои пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии баланд бардоштани самаранокии воқеисозии раванди тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ имконпазир мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки риояи қатъии тавсияҳои илмию методӣ оид ба ташкили корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳам дар ҷараёни эҷод ва ҳам дар ҷараёни татбиқи амсилаи педагогии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар вақти корҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ тасдиқи худро пайдо намояд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси вантандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: *банди 1.* Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; – *банди 2.* Амсиласозии равандҳои иҷтимоӣ-педагоӣ дар муассисаҳои таълимӣ; – *банди 4.* Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқат мекунад.

3. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи мавриди таҳлил, татбиқи пайгиронаи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, инчунин истифодаи маҷмӯи усулҳое, ки ба ҳадаф, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот мутобиқат доранд, асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо бо роҳи санҷиши таҷрибавӣ-озмоишӣ, татбиқи онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада таъмин гардидааст.

Такя ба пойгоҳи кофии сарчашмаҳои илмӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои баровардашуда ҳамчун асоснок, боэътимод ва дорои арзиши назариявию амалӣ арзёбӣ шаванд.

Шумораи интишороти довталаб дар 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, 8 мақола дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯи чоп дидаанд.

Маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

4. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокии муқаррароти ибтидоии назариявӣ, таҳлил ва таркиби равишҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ дар асосноккунии ақидаҳои пешбаранда, истифодаи усули мувофиқ ба мақсад, вазифаҳо, маҷмуи усули сифатӣ ва микдории таҳлил, фарзия таъмин карда шудааст. Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қонунӣ будани нуктаҳои фарзияи таҳияшударо нишон медиҳанд.

6. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустамро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ: **Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Саодати Раҳмоналӣ** - номзади илмҳои педагогӣ, саромузгори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин карда шаванд.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) таҳлилу баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мутобиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
- **Саодати Раҳмоналӣ** - номзади илмҳои педагогӣ, саромузгори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Каримзода М.Б

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифиён М.Х.
номзади илмҳои педагогӣ Ҳакимова Ҷ.С.

13.04.2026

*Имзои Раҳимзода Х., Шарифиён М.Х., Ҳакимова Ҷ.С.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.